# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи “Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, шаҳри Душанбе, соли 2026, 184 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи “Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳангоми рушди ҳуқуқи рақамӣ дар адабиёт ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ибораи миёнаравҳои иттилоотӣ пайдо шуданд. То қабули Кодекси маданӣ, дар қонунгузории Тоҷикистон доир ба миёнаравони иттилоотӣ меъёрҳои бевосита хеле кам ба назар мерасанд. Ҳамзамон, дар адабиётҳо миёнаравони иттилоотиро “провайдерон” низ ном мебаранд. Мафҳуми “провайдер” дар Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001 № 389 тасдиқ шудааст, чунин мебошад: “провайдер - оператори хадамоти телематикие, ки пайвасткунии техникии абонентҳоро ба шабакаи Интернет анҷом медиҳад”. Аммо на ҳамаи миёнаравони иттилоотӣ ба маънои зикршуда интернет-провайдер шуда метавонанд. Яъне мафҳуми миёнаравони иттилоотӣ аз мафҳуми провайдер васеъ

мебошад ва мутобиқан вазъи ҳуқуқиашон ҳам фарқ дорад ва дар илми ҳуқуқ масоили ҷадид аст.

Доир ба ин масъала муаллиф мубрамияти мавзуъро дуруст арзёбӣ карда, чунин тавсиф менамояд: "Аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки дар қ. 2 м. 136 КМ ҶТ иттилооти ҳифзшаванда ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ эътироф шудааст. Мувофиқи м. 163 ҳамин кодекс ҳамаи иттилоотҳо дар ҳолатҳое, ки қонунгузории кишвар пешбинӣ кардааст, метавонанд ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ бошанд. Иттилоот дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ва дигар тартиби муқаррарнамудаи он маҳфуз карда мешавад. Масъалаҳои зикршуда ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ алоқамандӣ дошта, баъди қабул ва мавриди амал қарор гирифтани КМ ҶТ таҳқиқ шудаанд" (с.6).

Рисолаи мазкур ба бартараф намудани як қатор камбудиҳо ва холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст ва ҷиҳати такмили ақидаҳои илмии марбути мавзуъ равона карда шудааст. Дар ин асно, таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ аз аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ бархурдор буда, баҳри бартараф намудани камбудҳои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, такмили қонунгузории соҳа, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти иттилоотӣ мусоидат менамояд. Аз ҳамин лиҳоз рисола айни замон ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсия аввалин таҳқиқот оид ба вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар асоси омӯзишу таҳлил ва баррасии осори илмӣ, санадҳои амалкунандаи меъёрию ҳуқуқӣ ва таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ сурат гирифта, як қатор

навгониҳои илмиро дар бар мегирад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии мантиқию дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

Муаллиф ба ҳимоя муқаррароти илмии зеринро пешниҳод намудааст:

1. Миёнарави иттилоотӣ – шахсест, ки мустақиман бо иттилоот ё маводҳо ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахсони дигар дар шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бавуҷудомада, фаъолият мекунад, инчунин хизматрасониҳои телекомуникатсионӣ мерасонанд, аз номи хеш амал мекунад ва фаъолияти худро дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ анҷом медиҳад. Дар ҶТ ин шахсон операторони алоқаи мобилӣ ва интернет-провайдерон буда, дар шакли ҷамъиятҳои хоҷагӣ фаъолият доранд.

2. Хизматрасонии миёнарави иттилоотӣ ҳамчун қоида музднок аст, аз маҷмуи амалҳои муайян иборат буда, ба мазмуни уҳдадориҳои миёнаравони иттилоотӣ мутобиқ мебошанд. Ба сифати мавзуи чунин хизматрасонӣ маҳз иттилооти рақамӣ баромад мекунад. Иттилооте, ки тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ миёнарав дар асоси ташаббус ё дар асоси дархости истифодабарандаи хизматрасонии алоқаи барқӣ мефиристад, қабул мекунад, нигоҳ медорад ва ҷиҳати мусоидат барои иштирок дар бозори итттилооти рақамӣ хизмат мекунад.

3. Ҳуқуқвайронкунии миёнарави иттилоотӣ кирдори (амал ё беамалии) ғайриқонунии ӯ, шахсони мансабдори ӯ, инчунин мансабдорони масъули Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ эътироф мешавад, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани шартҳои иҷозатнома, меъёрҳои қонунгузорӣ ва талаботҳои шартнома

оварда расонидаанд. Аз ҷониби миёнарави иттилоотӣ, шахсони мансабдори онҳо ва шахсони ваколатдор ва масъули Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ содир шудани ҳуқуқвайронкунии соҳавӣ боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории ҶТ мегардад.

4. Аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагӣ миёнаравони иттилоотӣ бояд, ки қобилияти ҳуқуқдории умумӣ дошта бошанд, аммо мазмуни ин қобилият бо гирифтани иҷозатномаи алоқаи барқӣ мушаххас гардонида шудааст. Онҳо наметавонанд дар ин соҳа ба ҳама намуди хизматрасонӣ машғул шаванд. Яъне қобилияти ҳуқуқдории миёнарави иттилоотӣ на аз рӯйи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он, балки аз рӯйи шумораи иҷозатномаи ӯ муайян карда мешавад (ultra vires).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Рисолаи мазкур, аввалин таҳқиқоти мукаммал оид ба танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ мебошад. Муаллиф қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиққуниро таҳлилу баррасӣ намуда, рисолаҳои илмии як қатор олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал гардониадни рисолаи илмии худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст. Хулосаю пешниҳод ва тавсияҳо бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи "Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ;

ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ  иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 184 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ тавзеҳ дода шуда, мушкилоти назария ва амалияи танзими ҳуқуқии  вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ матраҳ шуда, аҳаммият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд.

**Боби якум** - “Миёнарави иттилоотӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи маданӣ” бахшида шудааст ба се масъала: мафҳуми иттилоот ва миёнарави иттилоотӣ;  таносуби вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ва дигар миёнаравҳо дар муомилоти маданӣ; намудҳои миёнарави иттилоотӣ.  Дар сатҳи байналмилалӣ таснифоти зерини миёнаравони иттилоотӣ (провайдерон) вуҷуд дорад: провайдерони мазмун (контент), яъне онҳое, ки  маводи иттилоотию эҷодии худро мураттаб намуда, тавассути шабака ба дигарон дастрас менамоянд; хост – провайдерон,  яъне онҳое,  ки маводҳои иттилоотию эҷодии дигаронро дар серверҳои худ нигоҳ дошта, тавассути шабака ба дигарон дастрас менамоянд; провайдер -дастраскунанда, яъне онҳое, ки  аз лиҳози технологӣ алоқаро байни иштирокчиёни муносибатҳо таъмин менамоянд. Ин провайдерон ҳангоми таъмини дастрасӣ ба шабака иттилоот ва маводҳои эҷодии истифодашавандаро доимо дар махзанҳои худ нигоҳ намедоранд. Яъне онҳо провайдери алоқа мебошанд. Рисола, хусусан навгониҳояш бештар ба намуди сеюми равона шудааст. Намуди якум ва дуюм камтар таҳлил шудааст.

**Боби дуюм** тахти номи "Вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" фарогири масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнарави иттилоотӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективии миёнарави иттилоотӣ мебошад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои умумии қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкуниро баррасӣ намудааст. Мутаассифона ба масъалаҳои хоси марбут ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии миёнарави иттилоотӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

**Боби сеюм** - "Ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотӣ" таҳлили масъалаҳои марбут ба моҳияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи мадании миёнарави иттилоотиро дар бар гирифтааст. Дар боби мазкур муаллиф масъалаҳои баҳснокро баррасӣ менамояд. Аз ҷумла зикр менамояд, ки айби миёнарав дар м. 1251 КМ ҶТ, сарфи назар аз номуайянии маънои қонунгузор ба ин муқаррарот муайян карда шудааст. Агар шахсе, ки объектро дар шабакаҳои телекомуникатсионӣ ва шабакаи интернетӣ ҷойгир143кардааст, эътирози худро пешниҳод накунад, яъне дар ҳимояи ҳуқуқи худ мавқеи фаъолро ишғол накунад, пас миёнарави иттилоотӣ бояд сомонаро то бартараф кардани объекти моликияти зеҳнии баҳсбарангез баста кунад **(с.143 ва 144).**

Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф хулосаи рисоларо таҳия кардааст, ки он аз хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат буда, аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, бар меояд.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола авторефератро тибқи талаботи муқаррargардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар он ифода меёбад, ки муаллиф тамоми мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо вобаста ба самтҳои гуногуни танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз назари амалӣ ба таври дахлдор ба анҷом расонидааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, иттилоотӣ  ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои рисола дар он ифода меёбад, ки танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ   бахши бузурге аз муносибатҳои иттилоттию маданиро фаро мегирад.  Аз ин лиҳоз, он таъсири бевосита барои рушди муомилоти  маданӣ ва рушди иқтисоди рақамии кишвар дорад. Зеро иқтисоди рақамӣ бе танзими вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ  рушд  нахоҳад кард.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот шомили он аст, ки вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ   нақши ҳаётӣ дар амнияти иҷтимоӣ ва равонии  инсон дорад. Зеро аксари асрори инсон дар замони муосир  дар серверҳои миёнаравони иттилоотӣ мавҷуд аст ва бояд ҳифзу  танзим шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, ки мазмуни таҳқиқотро фаро мегиранд, аз ҷумлаи онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзӯи “Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ” ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 96 чунин зикр менамояд: “Ҳамин тавр, ҳаҷми қобилияти амалкунии миёнарави иттилоотӣ, ки соҳиби сомона ё бақайдгирандаи домен мебошад, ба доштани иҷозатнома ва салоҳиятнокии худи миёнарави иттилоотӣ вобаста аст. Дар баробари ин, қобилияти амалкунии миёнаравони иттилоотӣ дар баъзан мавридҳо метавонад маҳдуд карда шавад, бекор карда шавад, барқарор карда шавад, ё ин ки ҳамчун ҳама гуна ҳуқуқи субъективии дигари миёнаравон ҳимоя карда шавад”. Дар ин ҷода саволе ба вуҷуд меояд, ки соҳибони

сомона чӣ гуна иҷозатнома бояд дошта бошанд? Муаллифро зарур аст, ки оид ба ин масъала равшанӣ андозад.

2. Дар саҳифаи 97 муаллиф чунин меорад, ки “Қобилияти делектӣ – ин дар навбати худ амале ба шумор меравад, ки дар натиҷаи зарар ба миён меояд. Ба таври қатъӣ, қобилияти дилектӣ ин масъулият барои зарари ғайришартномавӣ, яъне барои зарари бавуҷудомада (ҳуқуқвайронкунии гражданӣ) мебошад”. Бо чунин тарзи гузориш розӣ шудан душвор аст. Муаллиф як ҷо “делект”, ҷойи дигар “дилект” менависад. Тарзи дурусташ “деликт” аст. Илова бар он амал дар натиҷаи зарар ба вуҷуд намояд, баръакс зарар дар натиҷаи амал ба вуҷуд меояд.

3. Муаллиф дар саҳифаи 99 чунин хулоса баровардааст: “Ҳамин тавр, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии миёнаравҳои иттилоотӣ дар як лаҳза – аз лаҳзае ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ҳамчун миёнарави иттилоотӣ ба қайд гирифта шуда, иҷозатнома барои фаъолият дар ин самт гиранд”. Чунин хулоса ба назари мо баҳснок аст. Миёнаравҳои иттилоотӣ чанд намуд мешаванд ва барои ҳамаи онҳо иҷозатнома зарур нест. Масалан барои провайдери интернет иҷозатнома зарур аст, аммо барои соҳиби сайт будан иҷозатнома зарур нест.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи “Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи факултети
ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Меликов У.А.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ҷаббор Расулов 45/6,
Тел: (+992) 100400879, E-mail: m.umrillo@gmail.com

Имзои Меликов У.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев.Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел. (+992 237) 234-88-02
Сайт: www.iutet.tj

E-mail: dsx_ips@mail.ru

«04» 05 соли 2026.